آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

8 марти соли 2023
Чоршанбе
№ 19 (14927)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ МУНОСИБ БАРОИ ЗАНОНУ ДУХТАРОНИ МАМЛАКАТ ҲАМЕША ДАР МАДДИ НАЗАРИ МОСТ



## ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН БОНУВОНРО БО ҶАШНАШОН ТАБРИК НАМУД

**Дар Конгресс-маркази байналхалқӣ чорабинии идона ба муносибати 8 Март – Рӯзи байналхалқии занон баргузор гардид.**

Дар чорабинӣ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев иштирок намуд ва нутқи табрикӣ эрод кард.

– Имрӯз ҳар яки мо бо эҳсоси миннатдории амиқ ба занони меҳрубон суханони меҳрбор мегӯем, ки онҳо эҷоди бузургтарини Худованд ба шумор рафта, модарони ғамхори мо, хоҳарони азиз, духтарони боназокатамон мебошанд. Шумо барои мо пеш аз ҳама таҷассумгари шуҷоат ҳастед. Мо худро дар наздатон, барои некӣ ва садоқататон, муҳаббат ва фазилататон ҳамешагӣ қарздор меҳисобем, – гуфт роҳбари давлат.

Воқеан занон дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъият ҷойгоҳи махсус дорад. Ҳоло ҳозир дар ҷумҳурӣ занон 77 фоизи ходимони соҳаи тандурустӣ, 74 фоизи соҳаи маориф, 46 фоизи соҳаҳои саноат ва иқтисодиётро ташкил менамоянд. Қариб 2 ҳазор нафар занон дар ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар вазифаҳои роҳбарикунанда ҳастанд.

Агар соли 2017 дар соҳаи идоракунӣ 27 фоиз занон кор кунанд, ҳоло ин нишондод ба 33 фоиз расид, дар сафҳои ҳизбҳои сиёсӣ теъдоди онҳо аз 40 то 47 фоиз, дар соҳибкорӣ аз 21 то 37 фоиз расид.

Барои хизматҳои шоиста дар назди Ватан ва халқ 17 нафар занон ба мукофоти олии давлатӣ – унвони Қаҳрамони Ӯзбекистон мушарраф гаштаанд. Дар байни занони мамлакат 5 нафар академик, беш аз 700 нафар доктороні илм ва қариб 3 ҳазор нафар номзади илм танҳо дар муассисаҳои таълими олӣ ҳастанд, бисёр занон соҳиби унвонҳои ифтихорӣ гаштаанд.

Дар мамлакатамон ба беҳсозии шароити зиндагӣ ва меҳнати занон эътибори афзалиятнок дода мешавад. Бо ин мақсадҳо соли гузашта беш аз 872 ҳазор нафар занон бо ҷойи кор таъмин карда шуданд. Беш аз 250 ҳазор ба касб ва пешаҳои соҳибкории бозоргир таълим дода шуданд.

Соли гузашта шароити зисти қариб 14 ҳазор нафар занон беҳтар гардида, дар доираи низоми «Дафтари занон» қариб ба 642 ҳазор нафар занон кумаки амалӣ расонда шуд.

Дар ҳоле ки Президент дар бораи пешниҳод намудани таълими босифат барои духтарон сухан меронд, гуфтаҳои маърифатпарвар-ҷадиди бузург Абдурауф Фитратро овард, ки мегӯяд: «Хидмати модарон дар тарбияи тамоми башарият беназир аст».

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ БАХШИДА БА РӮЗИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН

Ассалому алейкум, модарони муҳтарам!

Хоҳарони меҳрубон!

Духтарони нозанини ман!

Пеш аз ҳама шумо ва дар шахси шумо кулли занону духтарони Ӯзбекистонро бо ҷашни 8 март аз таҳти дил муборакбод менамоям. Ба ҳамаатон эҳтироми баланд ва орзуҳои беҳтарини худро изҳор менамоям.

Мо ин ҷашни муборакро ҳамеша бо шодиву нишоти зиёд интизорӣ мекашем. Зеро ин айёми пуршукӯҳ ба кишвари мо бо худ фасли навсозиву навофарӣ – мавсими баҳорро меоварад. Ин ҷашн имкон медиҳад, ки бори дигар ҳурмату эҳтироми самимӣ ва меҳру муҳаббати худро, ки дар дилҳоямон нисбати шумо – азизон ҷӯш мезананд, ифода намоем.

Табиист, ки дар ин рӯз ҳар кадоми мо бо эҳсоси беандозаи сипос дар ҳаққи зан, ки муъҷизаи бузургтарини Худованд аст, нисбати хоҳарони қадрдон, духтарони нозанинамон суханони беҳтарини қалби худро изҳор медорем.

Мо шуморо, пеш аз ҳама, тимсоли фидокорӣ медонем. Барои қалби кушод, ақлу заковат, муҳаббат ва садоқататон аз шумо як умр қарздорем.

Барои бунёди Ӯзбекистони Нав, тарбия намудани насли ҷавон, ки офарандагони Эҳёи Сеюм ба шумор меравand, мо ба фазилатҳои бузурги мураббиёнаи шумо такя мекунем.

Хоҳарони қадрдон!

Мо медонем, ки бобати дар мамлакат бунёд намудани ҳаёти озоду фаровон, ҷомеаи демократӣ ва барои аҳли олам рӯшод дар қатори тамоми халқамон занону духтаронамон низ саҳми беқиёс мегузоранд, мо инро бағоят қадр мекунем. Иҷозат диҳед дар ҳамин бобат баъзе рақамҳоро ба забон оварам.

Саҳми бонувони боэҳтироми мо, ки ҳоли ҳозир дар соҳаи тиббиёти кишвар фидокорона кор мекунанд, 77 фоиз, дар соҳаи таълим 74, дар соҳаҳои иқтисодиёт ва саноат бошад, 46 фоизро ташкил медиҳад.

Агар соли 2017-ум саҳми занону духтарон дар соҳаи идоракунӣ 27 фоизро ташкил дода бошад, айни ҳол ин рақам ба 33 фоиз расид, дар сафи ҳизбҳои сиёсӣ аз 40 ба 47, дар ҷабҳаи соҳибкорӣ бошад аз 21 ба 37 фоиз афзуд.

Тақрибан 2 ҳазор нафар бонувони босавод, ташаббускор ва фаъоли мо дар вазифаҳои роҳбарӣ кор мекунанд. Аз ҷумла, 33 фоизи депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, 25 фоизи аъзои Сенат ва депутатҳои шӯроҳои маҳаллӣ занон ба шумор меравand, ки боиси зикр аст. Барои хидматҳои муносибашон дар назди Ватан ва халқ 17 нафар бонувони мо сазовори мукофоти олитарин, унвони «Қаҳрамони Ӯзбекистон» гардидаанд. Дар байни занону бонувон 5 нафар академик дорем, танҳо дар муассисаҳои таълими олӣ беш аз 700 нафар докторони илм, тақрибан 3 ҳазор номзади илм кор мекунанд, ҳамчунин бонувоне ҳастанд, ки соҳиби унвонҳои ифтихории «Шоири халқии Ӯзбекистон», «Ҳунарпешаи халқӣ», «Омӯзгори халқӣ» ва ғайра шудаанд.

**Агар чунин модарону хоҳарони фидокорро захираи тиллоии Ӯзбекистони Нав номем, аз ҳар ҷиҳат дуруст аст.**

Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!

Дар мамлакат барои беҳтар кардани шароити зиндагӣ ва меҳнати занону духтарон, ҳаллу фасл намудани мушкилоти иҷтимоии онҳо аҳамияти доимӣ дода мешавад.

Бо ин мақсад соли гузашта 872 ҳазор нафар бонувон бо кор таъмин гардиданд. Ба беш аз 233 ҳазор нафар занон ба маблағи 4 триллиону 700 миллиард сӯм вом ҷудо карда шуд.

252 ҳазор нафар хоҳарони мо касбу ҳунарҳоеро, ки дар бозори меҳнат харидоргир мебошанд, ҳамчунин тарзи соҳибкориро омӯхтанд.

Хабар доред, ки мо барои ҳаллу фасли мушкилоти манзили халқ, бахусус хоҳаронамон, ки онҳоро муддати мадид азият медиҳанд, барномаи бузургро татбиқ менамоем. Агар соли 2017-ум дар тамоми мамлакат 191 адад хонаҳои бисёрошёнаи тақрибан дорои 8 ҳазор ҳуҷра сохта шуда бошад, соли гузашта, мехоҳам ба ин эътибор диҳед, 1433 манзили дорои 56 ҳазор ҳуҷра бунёд гардид. Соли равон бошад, боз барои 90 ҳазор оила хонаву манзил барпо шуд.

Соли гузашта шароити манзили анқариб 14 ҳазор нафар хоҳарони мо беҳтар гардид, пардохти иҷораи тақрибан 70 ҳазор бонувони эҳтиёҷманд сарпур карда шуд. Мо бо чунин амалҳои нек ба оилаҳои зиёд шодиву хурсандӣ ато кардем, дараҷа ва сифати ҳаёти бисёр одамон беҳтар гардид, рӯҳи ҳазорҳо занони мо бардошта, эътимоди онҳо ба фардои зиндагӣ мустаҳкам шуд, ки барои мо натиҷаи аз ҳама муҳим аст.

Солҳои охир дар доираи «Дафтари бонувон» низ чораҳои муҳим андешида мешаванд. Дар муддати кӯтоҳ ба тақрибан 642 ҳазор нафар хоҳарони мо кумаки амалӣ расонида шуд, ки аз миқёси бузурги корҳои мо дар ин бобат далолат медиҳанд.

Барои ҳифзи саломатии занону духтарон ва модару кӯдак, бо мақсади беҳтар намудани генофонди миллӣ соли гузашта 9 миллион нафар занон аз назорати тиббӣ гузаронида шуданд. Беш аз 3 миллион нафари онҳо дар шароити амбулаторӣ, 347 ҳазор бошад, дар шакли статсионарӣ табобат гирифтанд.

Дар мамлакат ба соҳиби таълиму тарбияи босифат гардидани занону духтарон эътибори махсус дода мешавад. Агар ба таъбири ниёи мутафаккири ҷадиди мо Абдурауф Фитрат гӯем, **«Модарон мураббиёни кулли башарият мебошанд»**.

Воқеан, агар дар оила як нафар духтар соҳиби маълумоти олӣ, ё худ дорои касбу ҳунари замонавӣ гардад, муҳити ин хонавода куллан тағйир меёбад. Мо ба ин мақсад бобати дастгирӣ кардани таълиму тарбияи занону духтарон дастури муҳимро қабул кардем. Барои муқоиса мисоле меоварам.

Агар 6 сол пеш дар мактабҳои олӣ 110 ҳазор бонувону духтарон таҳсил гирифта бошанд, ҳоли ҳозир ин рақам тақрибан 5 баробар афзуд ва 500 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ имрӯз дар байни донишҷӯёне, ки таълими олӣ мегиранд, саҳми духтарон ба 50 фоиз расид, ки натиҷаи дар таърихи мо мушоҳида нашуда мебошад.

Бинобар тартиби нав ба беш аз 10 ҳазор толибае, ки дар магистратура мехонанд, зиёда аз 68 миллиард сӯм маблағи қарордодӣ аз ҷониби давлат пардохта мешавад. Ба зиёда аз 65 ҳазор духтарони донишҷӯ анқариб 727 миллиард сӯмина вомӣ таълимии бидуни фоиз ҷудо карда шуд.

Тақрибан 2 ҳазор духтароне, ки дар оилаҳои эҳтиёҷманд зиндагӣ доранд, ҳамчунин зиёда аз 500 нафар бонувоне, ки дорои собиқаи панҷсолаи меҳнатӣ оид ба ихтисос нестанд, ба мактабҳои олӣ дар асоси квотаи махсус қабул карда шуданд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

## ДАР СЕЙМИ ЛАТВИЯ ГУРӮҲИ НАВИ ҲАМКОРИИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ БО ОЛИЙ МАҶЛИСИ ӮЗБЕКИСТОН ТАШКИЛ ГАРДИД

***Дар парлумони Латвия Гурӯҳи нав оид ба рағбатноксозии ҳамкории Сейм бо Олий Маҷлиси Ӯзбекистон ташкил дода шуд.***

Гурӯҳи пешин дар Сейм моҳи ноябри соли 2019 таъсис ёфта буд ва то интихоботи парлумонӣ дар Латвия – 1 октябри соли 2022-юм амал кард.

Муоҳида бобати таҷдиди фаъолияти идораи мазкури ҳамкории байнипарлумонӣ 7 феврал дар ҷараёни вохӯрии сафири Ӯзбекистон Қадамбой Султонов бо раиси Сейми Латвия Эдварс Смилтонс ба имзо расид.

Тавре ки таъкид мегардад, аз нав ба роҳ мондани кори ин механизми муҳими қарордодҳои байнипарлумонӣ шаҳодати эътимоди Сейми Латвия ба таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ бо Олий Маҷлиси Ӯзбекистон ба шумор меравад.

Гурӯҳи Сеймро раиси Зеркумитаи оид ба ҳифзи муҳити атроф, иқлим ва энергетикаи Комиссияи оид ба масъалаҳои иқтисодиёти миллӣ, хоҷагии қишлоқ, экология ва рушди минтақавӣ, узви ҳизби «Руйхати муттаҳид» Андрис Кулбергс ба дӯш дорад.

Узви ҳизби «Ваҳдати нав» Ирма Калниня муовини ӯ гардид. Ба ҳайат 10 депутат дохил мешаванд.

Дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ӯзбекистон аз 10 июни соли 2020 Гурӯҳи ҳамкорӣ бо Сейми Латвия кор мебарад. Раиси он муовини спикери палатаи поёнии Олий Маҷлис Улуғбек Иноятов ба шумор меравад.

Таҷрибаи дар пояи ҳусни тафоҳуми тарафайн созмон додани гурӯҳи дӯстии байнипарлумонӣ ва ҳамкорӣ дар «Меморандуми оид ба ҳамкории байни Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Сейми Ҷумҳурии Латвия» аз моҳи сентябри соли 2012 пешбинӣ гардидааст.

**ОИ «Дунё»,**
*шаҳри РИГА.*

## ҲАҶМИ СОДИРОТ МЕАФЗОЯД

***Ноҳияи Қува дар соҳаи парвариши ниҳол ва буттаҳои мевадиҳандаву ороишӣ, инчунин гулҳои рангоранг соҳиби мактаби хос дар вилоят мебошад. Ба шарофати шароити мусоид ин соҳа дар ноҳия рушд менамояд ва теъдоди хоҷагиҳое, ки бевосита фаъолияташонро ба ҳамин самт нигаронидаанд, сол аз сол меафзояд.***

Тавре ки дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят мегӯяд, дар ин рӯзҳо кишоварзони ноҳия таъмини бозорҳои маҳаллӣ ва саросари кишварро бо ниҳолҳои мевадиҳанда ва ороишӣ ҳусни оғоз бахшидаанд. Гуфта мешавад, ки дар соли 2022 дар майдонҳои хоҷагиҳои ноҳия беш аз 43 миллион кӯчати ниҳол парвариш карда шуд. Боз талош ба харҷ дода мешавад, ки имсол ин нишондиҳанда ба 54 миллион адад афзоиш ёбад.

Дар ҳамин ҳол аз паси парвариши ниҳолҳо дар 65 ҷамоати шаҳрвандон аҳолӣ соҳиби зиндагии хубу фаровон гаштааст. Ба истилоҳи дигар, кӯчатпарварӣ ба манбаи даромади қисмати аъзами ин аҳолӣ табдил ёфтааст. Хусусан, парвариши кӯчатҳои мевадиҳанда ва ороишӣ дар ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои «Қарқоқум», «Янгичек», «Янги ҳаёт», «Толмазор», «Бойистон», «Намуна», «Олтиариқ», «Қақир» ва амсоли он хеле рушду нумӯъ намудааст. Гузашта аз ин, дар хоҷагиҳои «Сойгузар», «Хонобод», «Мадания т» ва «Янгиқишлоқ» парвариши садбарг хеле хуб ба роҳ монда шудааст, ки аҳолӣ аз он даромади қобили мулоҳиза ба даст меорад.

Яке аз ин боғбонҳои варзида сокини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қароқум» Сиддиқҷон Ҳоҷиматов мебошад. Аъзои хонаводаи ӯ ҳар сол дар мавсими кишт аз 10 гектар замин ба ҳисоби миёна 80-85 миллион сӯм даромад мегирад.

– Парвариши кӯчати ниҳолҳои мевадиҳандаву ороишӣ заҳмати зиёд талаб мекунад. Баъд кас аз самараи меҳнаташ хурсанд мешавад ва ҳамаи кӯфтагиҳояш рафъ мегарданд, – мегӯяд Сиддиқҷон Ҳоҷиматов.

Ҳокимият барои боз ҳам бештар тавсеа додани ин соҳа дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Янгичек» ба аҳолӣ бештар аз бист гектар замин ҷудо карда аст. Дар ин ҷо низ кӯчати ниҳолҳои мевадиҳандаву ороишӣ парвариш карда мешавад. Ҳоло ҳудуди 170 хонаводаи ҷамоати мазкур соҳиби кор ва манбаи даромад мебошад.

– Мо аз роҳи музояда тартиби ба иҷораи дарозмуддат ҷудо кардани қитъаҳои заминро дар ноҳия ҷорӣ кардаем. Мутахассисони соҳибтаҷрибаи боғпарварӣ ба онҳое, ки дар ин самт ба фаъолият пардохтаниаанд, аз наздик маслиҳату машварат медиҳанд. Хусусан мутахассисони Маркази илмию амалии азхудкунии заминҳои наздиҳавлӣ ба татбиқи комёбиҳои илм ва ғояҳои навоварона дар соҳаи мазкур диққати доимӣ медиҳанд, – мегӯяд ҳокими ноҳия Ҳалимҷон Умаров.

Дар майдонҳои таҷрибавии ин марказ бештар аз 3 миллион бех ниҳол парвариш карда мешавад. Аз ҷумла, парвариши навъҳои нави ба шароити иқлими маҳаллӣ мувофиқ – ангуру себ, шафтолу, зардолу, гелос, бодом, нок, инчунин буттаҳои ороишӣ ва гиёҳҳои шифобахш ба роҳ монда шудааст.

– Тайи солҳои охир ҳаҷми содироти мо аз ҳисоби даҳҳо намуди кӯчати ниҳолҳои мевадиҳанда ва ороишӣ, ки ба соири кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба шумори Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, инчунин Русия ва Олмон ба фурӯш рафтаанд, афзоиш ёфтаву сатҳи зиндагии аҳолии он хеле пешрафт кардааст, – иброз медорад Ҳалимҷон Умаров.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ МУНОСИБ БАРОИ ЗАНОНУ ДУХТАРОНИ МАМЛАКАТ ҲАМЕША ДАР МАДДИ НАЗАРИ МОСТ

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ БАХШИДА БА РЎЗИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Алҳол, ки дар олам инқирози амиқи иқтисодӣ идома дорад, бо вуҷуди душвориҳо, шубҳае нест, ки саъю кӯшишҳоямон барои дарёфти маблағ ва имкониятҳои зарурӣ натиҷаи худро медиҳанд. Дар байни бонувону духтароне, ки дар мактабҳои олӣ таҳсил мегиранд, арбобони илму фан, сиёсат ва ҷамъият, намояндагони машҳури маданият, санъат ва варзиш ба воя хоҳанд расид, ман ба ин бовар дорам.

Хоҳарони азиз!

Солҳои охир овози занону духтарони Ўзбекистон аз минбарҳои байналмилалӣ низ баланд садо медиҳад, ки ин ҳамаи моро хурсанд мекунад. Хабар доред, ки онҳо дар сохторҳои минтақавиву байналхалқӣ, ҷамъомад ва анҷуманҳои бонуфуз фаъолона ширкат меварзанд.

Ҳангоми дар ин бобат сухан гуфтан бояд таъкид кард, ки соли 2020 ба мулоқоти бонувони пешқадами кишварҳои Осиёи Марказӣ дар кишвари мо асос гузошта шуд. Соли гузашта бошад, дар Тошканд анҷумани занону духтарони Созмони ҳамкории Шанхай баргузор гардид. Ҳамаи ин ҷамъомадҳо барои дар миқёси минтақавӣ ва байналмилалӣ баррасӣ намудани мушкилоти занону духтарон, пеш гузоштани ташаббусҳои нав баҳри ҳаллу фасли онҳо имкон медиҳанд.

Аз фурсат истифода бурда, сафирони муҳтарами давлатҳои хориҷӣ ва вакилони созмонҳои байналхалқиро, ки чунин саъю ҳаракатҳои моро дастгирӣ мекунанд, низ самимона муборакбод менамоям. Ҳамаи мо аз таҳти дил ба кишвар ва халқҳои онҳо оромиву фаровонӣ орзу мекунем.

Ҳамватанони гиромӣ!

Дар ин маврид мехостам як нияти некеро, ки дар дил дорам, ба шумо – азизон изҳор намоям.

Мо дар Ўзбекистон чӣ гуна қонун ва қарорҳоро қабул накунем, чи ислоҳотро ба ҳаёт ҷорӣ нанамоем, дар пеши назари ман ҳамчун роҳбари давлат, пеш аз ҳама, симои модарони мунис, хоҳарони меҳрубон, ғаму ташвишҳои онҳо падидор мегарданд.

Барои дар муҳити оила орому осуда, сиҳҳату саломат, фаровон ва хушбахт зиндагӣ кардани шумо, азизон, барои дар ҳаёти ҷомеа фаъол иштирок намудани шумо хидмат карданро ман нафақат вазифаи асосӣ, балки қарзи пуршарафи худ медонам. **Зеро агар модарони мо, ки такягоҳи хонавода, сутуни ҷамъият ба шумор меравand, бонувонамон аз ҳаёти худ розӣ бошанд, тамоми халқи мо аз зиндагии худ розӣ хоҳад шуд. Халқ розӣ бошад, Худованд низ аз мо розӣ мегардад.**

Огоҳ ҳастед, ки созмони занону духтарони ҷумҳурӣ айни замон ба сифати Кумитаи оила ва занону духтарон бо мазмуни нав фаъолият мебарад. Доираи ваколат ва фаъолияти кумита васеъ гардида, ба ҳайати он кадрҳои нави дорои дониш ва таҷрибаи ғанӣ ҷалб шудаанд. Аз ҷумла, дар таърихамон бори аввал дар зинаи поёнтарин – беш аз 9 ҳазору 400 маҳалла вазифаҳои фаъолони занону духтарон, ки ба ҳаллу фасли мушкилоти занон кумак мерасонад, ҷорӣ карда шуданд.

Ҳамаи ин барои ба такягоҳу пуштбони воқеии занони Ўзбекистон табдил ёфтани Кумитаи оила ва занону духтарон хидмат хоҳад кард.

Ҳамватанони муҳтарам!

Равшан аст, ки дар арафаи ин ҷашни муборак ба духтарони соҳибистеъдоде, ки дар соҳаҳои гуногун ба натиҷаҳои муҳими аввалин муваффақ шудаанд, ҷоизаҳои давлатии ба номи Зулфия супурда мешаванд, ки ба анъанаи нек табдил ёфтааст. Имрӯз боз ба 28 нафар духтарони донову соҳибистеъдоди мо, ки ба сифати пайравони муносиби Зулфияхонум эътироф шудаанд, чунин мукофотҳоро месупорем.

Шумо, духтарони азизамро бо ин натиҷаи аввалини ҳаётатон аз таҳти дил муборакбод намуда, барои ҳамаатон комёбиҳои нав ба нав орзу мекунам.

Дар ин рӯзи нишот як гурӯҳ занони боэҳтироми мо, ки дар соҳаҳои худ ба натиҷаҳои ибратбахш муваффақ гардида, дар ҳаёти давлат ва ҷамъият фаъол иштирок мекунанд, барои дар рӯҳи ватанпарварона тарбия намудани ҷавонон саҳми муносиб мегузоранд, бо орден ва медалҳои олии давлатамон қадр карда шуданд.

Аз фурсат истифода бурда, ҳамаи онҳоро самимона табрику таҳният мегӯям.

Ҳамдиёрони азиз ва гиромӣ!

Дар ин замони бағоят мушкил ва мураккаб мо дар назди худ вазифаҳои бузург гузоштаем. Бешубҳа, иҷрои онҳо осон нест. Аммо дар ин роҳи пуршараф халқи мард ва баландҳиммат, модарони муҳтарам, хоҳарони азиз дорем, ки бароямон нерӯву мадади бемисл мерасонанд ва мо бо дастгирии онҳо, албатта, ба мақсади худ мерасем.

Ҳама дар якҷоягӣ Ўзбекистони Навро бунёд мекунем! Ба шумо, ба кулли занони мамлакат сиҳативу саломатӣ, бахти оилавӣ, ба хонаводаи ҳар кадоми шумо файзу барака таманно дорам.

Ҷашни хуҷастаи шумо муборак бод!



Имрӯз дар мамлакатамон барои омода кардани кадрҳои баландмалакаи тиббӣ Донишкадаи тиббии тандурустии ҷомеаи Фарғона ҷойгоҳи худро дорад.

Дар ҳоли ҳозир донишҷӯёни факултаи муолиҷаи донишкада бино ба барномаи USMLE таълим мегиранд. Ин барнома аз се зина иборат буда, донишҷӯёни ин зинаҳоро пушти сар гузошта имкон доранд, ки баъди литсензияро ба даст даровардан, дар муассисаҳои тиббии ИМА кор кунанд.

– Имрӯз дар донишкада бино ба барномаи таълимии мазкур ба 600 нафар таълим дода мешавад, – мегӯяд омӯзгори кафедраи хориҷӣ Шоҳрух Суяров. – Ҳамаи китобҳои дарсӣ ба забони англисиянд. Ин имкон медиҳад, ки донишҷӯён забони англисиро низ омӯзанд.

***Дар акс:*** *дар Донишкадаи тиббии тандурустии ҷомеаи Фарғона.*

***Аксбардор:***
***Муқимҷон ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БОНУВОНРО БО ҶАШНАШОН ТАБРИК НАМУД

**Дар Конгресс-маркази байналхалқӣ чорабинии идона ба муносибати 8 Март – Рӯзи байналхалқии занон баргузор гардид.**

(Аввалаш дар саҳ.1).

Солҳои охир дар бобати васеъ намудани дастрасии занон ба таълими олӣ корҳои муттасил анҷом дода шуд. Агар шаш сол пеш аз ин дар муассисаҳои таълими олӣ 110 ҳазор нафар духтарон таълим гиранд, ҳоло ҳозир қариб 500 ҳазор нафар таҳсил менамоянд. Бинобар тартиби нав беш аз 10 ҳазор нафар духтароне, ки ба магистратура дохил шудаанд, давлат ҳаққи таълимашонро пардохтааст. Ба беш аз 65 ҳазор донишҷӯдухтарон кредити таълимии бефоиз ҷудо карда шуд. Қариб 2 ҳазор нафар духтарони оилаҳои эҳтиёҷманд, инчунин беш аз 500 нафар занон, ки соҳиби панҷ соли собиқаи корӣ аз рӯи ихтисос доранд, ба муассисаҳои таълими олӣ дар асоси квотаи алоҳида дохил шуданд.

– Ҳар гуна қонун ва қароре, ки мо дар Ўзбекистон қабул менамоем, новобаста аз он ки чӣ гуна ислоҳот татбиқ мегардад, ман чун роҳбари давлат дар навбати аввал дар бораи шумо – модарони меҳрубонамон, хоҳарони ғамхорамон фикр мекунам, ки чӣ гуна масъалаҳо шуморо нигарон месозад. Ман хидмат намуданро барои он ки шумо дар муҳити оилаи худ дар сулҳу фароҳмандӣ зиндагӣ кунед, тансиҳату хушбахт бошед, дар ҳаёти ҷамъият фаъолона иштирок намоед, қарз ва вазифаи муҳимтарини худ мешуморам. Чунки агар модарони муҳтарамаи мо, занон – такягоҳи оила ва ҷамъият, аз ҳаёти худ розӣ бошанд, пас тамоми халқамон розӣ мегардад ва Худованд низ моро дуо мекунад, – таъкид кард Шавкат Мирзиёев.

Бинобар фармон ва қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 6 марти соли ҷорӣ як гурӯҳ занон бо унвонҳои фахрӣ, орден ва медалҳо сарфароз гардонда шуда, 28 нафар духтарон бо Мукофоти давлатии ба номи Зулфия мушарраф гардиданд.

Дар чорабинии идона маросими тантанавор супурда шудани ин мукофотҳо баргузор шуд.

Занони иштирокдори ин чорабинӣ аз тамоми минтақаҳои мамлакат, ходимони вазорат ва идораҳои мухталиф идро дар атрофи дастурхони пурнеъмат ҷашн намуданд.

Дар чорабинӣ инчунин дипломатзанҳое, ки аз давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ намояндагӣ мекунанд, ширкат доштанд. Роҳбари давлат онҳоро низ бо ҷашн самимона табрик намуд.

Чорабинии идона бо барномаи консертӣ анҷом ёфт.

**ЎзА.**

# ХАБАРҲО

## МАКТАБИ ҶАЛОЛИДДИН МАНГУБЕРДӢ БАРПО МЕГАРДАД

***Адади мактабҳои махсусе, ки дар асоси ғояҳои ватанпарастӣ дар онҳо ба насли наврас таълим ва тарбия дода мешавад, торафт меафзояд. Дар шаҳри Урганҷ сохтмони бинои таълимгоҳе бо суръат идома дорад, ки ба номи фарзанди шуҷои ин сарзамин Ҷалолиддин Мангубердӣ вобаста мебошад.***

Муассиса бояд аз соли таҳсили 2023-2024 ба фаъолият оғоз намояд. Мактаби ҳарбӣ-ватанпарварӣ барои 300 нафар пешбинӣ гардидааст. Соли аввал 150 нафар, соли дувум низ ҳамин қадар хонандагон, ки ба илми ҳарбӣ шавқи бештар доранд, қабул карда мешаванд. Барои барпои бинои таълимгоҳ аз буҷаи маҳаллӣ наздик ба 30 миллиард сӯм маблағ ҷудо карда шудааст.

Бинои таълимӣ чаҳор ошёнаро фаро гирифта, ҳамчунин хобгоҳ барои 300 нафар, ошхона, қасри маданият, майдончаҳои варзишию омодагӣ ба машғулоти ҳарбӣ ва дигар объектҳои иҷтимоию таълимии зарурӣ дар хидмати хонандагон хоҳанд буд.

## ШАРТНОМАҲО БА ИМЗО РАСИДАНД

***Мувофиқи се шартномае, ки байни ширкати ASWA Power (Арабистони Саудӣ), Вазорати сармоя, саноат ва савдои Ўзбекистон ва Ҷамъияти саҳҳомии «Нуқтаҳои барқи миллии Ўзбекистон» ба имзо расид, дар вилоятҳои Тошканд ва Самарқанд ду истгоҳи фотоэлектрии офтобӣ, ки 1400 МВт иқтидор доранд, барпо хоҳанд гашт.***

Айни замон дар вилоятҳои Тошканд, Бухоро ва Самарқанд се адад сохтори ҳифзи барқӣ сохта мешаванд, ки иқтидори умумиашон 1200 МВт мебошад.

Барпои истгоҳи фотоэлектрии офтобӣ дар вилояти Тошканд, ки 400 МВт иқтидор дорад, аллакай оғоз ёфтааст. Баъди пурра ба истифода супурда шудани истгоҳ соле ба ҳисоби миёна 900 млн. кВт соат энергияи барқ истеҳсол карда мешавад. Дар натиҷа 257 млн. метри кубӣ гази табиӣ сарфа мегардад.

## БА МУНОСИБАТИ ИДИ БОНУВОН

***Меҳру мурувват мафҳумҳои бо ҳам тавъаманд. Ҳамоне ба дигарон меҳр медиҳад, ки мурувват дорад. Инсон, хоҳ ҷавон аст хоҳ пир, ҳамеша ба меҳр ташна мебошад.***

Дар арафаи иду ҷашнҳо хабар гирифтан аз камтаъмину дармондагон ва шахсони имконияти ҷисмониашон маҳдуд ба анъана табдил ёфтааст. Дар вазъи содиқ мондан ба ҳамин анъанаи нек ба муносибати 8 Март – Рӯзи занону духтарон хидматчиёни ҳарбию ходимони Гвардияи миллӣ, овозхонҳои ансамбли суруд ва рақси Маркази маънавият ва маърифат, курсантҳои дорулфунуни амнияти ҷамоатӣ, хонандагони литсейи академияи ҳарбии «Мактаби темурбекҳо» ва литсейи академии мусиқии ҳарбӣ ба муассисаи занони имкониятошон маҳдуди «Мурувват»-и ноҳияи Сирдарё рафтанд. Ҳамроҳ бо меҳмонон бонувони қалбашон маҷруҳ суруданд, ба рақс даромаданд, як муддат андуҳу ғами дерин фаромӯш карданд. Баъд барои 250 нафар занон, ки дар интернат иқомат доранд, дастархон ташкил карда шуд. Бо гирифтани туҳфаҳои хотиравӣ, сару либосҳои нав сари бонувоне, ки ба меҳру мурувват ташнаанд, ба осмон расид.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**

# МАСЪАЛАИ СУЛҲИ АФҒОНИСТОН БАРРАСӢ ГАРДИД

***Дар шаҳри Тошканд нахустин нишасти намояндагони махсуси кишварҳои ҳамсояи Афғонистон баргузор шуд. Дар он вазъи кунунии Афғонистон, масоили ҳамкории ҷонибҳо барои ҳалли вазъ дар ин кишвар ва истиқрори сулҳу субот, ҳамчунин расонидани кумакҳои башардӯстона ба мардуми азияткашидаи Афғонистон ва амсоли он баррасӣ гардиданд.***

Намояндаи хоси Президенти Ўзбекистон дар умури Афғонистон Исматулло Эргашев гуфт, ки нишасти мазкур бар асоси қарори ҷамъомади сеюми вазирони корҳои хориҷии мамлакатҳои ҳамсояи Афғонистон ба вуқӯъ пайваст, ки ҳанӯз моҳи марти соли гузашта дар шаҳри Урумчии Чин баргузор шудааст.

Қисмати муҳокимаронҳои ин нишаст пушти дарҳои баста сурат гирифт.

Бо анҷоми нишаст Эргашев барои хабарнигорон брифинг баргузор намуд. Вай изҳор кард, ки намояндагони хоси ҳафт мамлакат – Ўзбекистон, Тоҷикистон, Эрон, Туркманистон, Покистон, Чин ва Русия аз рӯи баррасии масъалаҳои марбут ба Афғонистон қатъномаи Тошкандро қабул карданд.

– Нишасти мо ба пешвози ҷаласаи чаҳоруми вазирони корҳои хориҷии давлатҳои ҳамсояи Афғонистон, инчунин мушорикати Русия мебошад, ки баъди чанд моҳ дар Тошканд баргузор хоҳад шуд. Албатта, ҳарчи зуд истиқрори сулҳу субот дар Афғонистон ва барқарории вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва гуманитарӣ дар ин кишвар аз ҳадафҳои асосии мо арзёбӣ гардид, то ки аз рӯ ба бунбасти ҷиддӣ ва бӯҳронҳои шадид ниҳодани Афғонистон зудтар ҷилавгирӣ ба амал ояд, – изҳор намуд Эргашев. – Бо ташаббуси сардори давлатамон ҷониби Ўзбекистон ҳамеша талош ба харҷ медиҳад, ки вазъияти Афғонистон беҳбуд ёбад, мардуми он аз зиндагии орому осуда бархурдор ва рӯ ба пешрафту тараққиёт оваранд.

Ба таъкиди И.Эргашев дар нишаст ба чунин натиҷа расиданд, ки ҳукумати муваққати Толибон бояд аз ваъдаҳои ба ҷомеаи байналмилалӣ додаи худ барояд ва барои афзоиши кумакҳои башардӯстона ба он мусоидат кунад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири Овози тоҷик».**

# ЭҲТИРОМ БА ЗАНОН ВА ДУХТАРОН



Имрӯз дар диёри мо мақоми занону духтарон аз ҳарвақта баландтар аст. Зеро солҳои охир ғамхорию эътибор бобати зиёдтар намудани фаъолнокии иҷтимоию сиёсӣ, соҳибкорӣ, кӯмакрасонӣ баҳри донишгирию касбомӯзӣ ва пайдо кардани машғулияти дилхоҳ, ҳифзи саломатию соҳиби хонаю ҷой гаштани онҳо беш аз пеш афзудааст. Ин аст, ки саҳми онҳо ба рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва бунёди Ўзбекистони Нав бештар эҳсос мегардад.

Дар Бухоро низ дар арафаи Рӯзи байналмилалии бонувон тадбири тантанавӣ ба амал омада, дар он ҳокими вилоят Ботир Зарифов занону духтарони саодатмандамонро бо ин айёми дилкаш муборакбод намуд.

– Таъмин кардани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии занону духтарон, афзун гардондани мақоми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо дар ҷамъият самти устувори равияи муҳими стратегияи тараққиёти Ўзбекистони Нав ва мақсади олии мо бобати розӣ кардани халқамон мебошад, ки онро Президенти муҳтарам муайян кардааст, – гуфт ӯ.

– Соли гузашта дар вилоят қариб ба 27 ҳазор нафар занону духтарон ёрии иҷтимоию иқтисодӣ, тиббӣ, ҳуқуқию психологӣ расонда шуд. Хусусан ба 711 нафари онҳо бо мақсади харидани манзил вомҳои имтиёзнок ҷудо гардид. Хароҷоти боғчаи фарзандони бонувони бесарвари оила монда аз ҳисоби буҷа пардохта шуд. 4 ҳазор нафар бонувон барои сохтани гармхонаҳо дар қитъаҳои наздиҳавлию саҳроӣ ба миқдори 50 миллиард сӯм субсидия гирифтанд. Ҳамчунин 77 ҳазору 754 нафари онҳо соҳиби кор гардиданд. Дар шаҳри Бухоро барои бонувони шароити иҷтимоиашон вазнин, беҳонаву ҷой хобгоҳи замонавии дорои 400 ҷой ба истифода дода шуд.

Ҳоло дар Сенати Олий Маҷлис 1 нафар, дар Палатаи қонунгузорӣ 3 нафар, дар шӯроҳои маҳаллӣ 104 нафар бонувони вилоят ҳамчун депутат фаъолият доранд. Беш аз 200 нафар занону духтарон дар вазифаҳои роҳбарикунанда кор мекунанд, – илова кард ҳоким.

Дар тадбир ба 17 нафар занону духтарони пешқадам нишони сарисинагии «Мӯътабар аёл» ба тарзи тантанавӣ супорида шуд. Чанде аз мукофотгирифтагон ба сухан баромада, барои ин ғамхорӣ ва эътибор ба сарвари давлат сипосгузорӣ намуданд.

Ба иштирокдорони тадбир барномаҳои консертии устодони санъати вилояту ҷумҳурӣ завқи идона бахшид.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

***Шабакаи электрикӣ яке аз соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷамъият ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ солҳои охир дар мамлакатамон ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии неруи барқ дар бахши иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ, оиди рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия ислоҳоти васеъ ва пайгирона амалӣ гардида, заминаҳои ҳуқуқии рушди соҳаи энергетика фароҳам оварда шудаанд.***

# ҲАҶМИ ИСТЕҲСОЛИ НЕРУИ БАРҚ МЕАФЗОЯД

Бояд гуфт, ки имрӯз дар ҷаҳон норасоии неруи барқ мушоҳида мешавад. Кишварҳо дар ҷустуҷӯйи роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилот ҳастанд, хусусан Ўзбекистон. Ин масъала дар маркази таваҷҷуҳи роҳбари давлатамон мебошад. Сарвари давлат зимни ҳар як сафари худ ба минтақаҳо масъулияти пайваста таъмин намудани захираҳои энергетикиро ба сифати вазифаи муҳимтарин ба миён мегузорад.

Дар айни замон беҳтарин роҳи ҳалли ин масъала энергияи муқобил ба ҳисоб меравад. Барои рушди ин бахш давлат пайваста баҳри фароҳам овардани имтиёзҳо барои мардум ва созмонҳо пай дар пай кор пеш мебарад. Муҳим он аст, ки имрӯз мардум хуб дарк мекунанд, ки барқарор намудани вазъият тавассути энергияи муқобил роҳи беҳтарин аст.

Имрӯз ҳиссаи энергияи «сабз» дар энергияи ҷаҳонӣ қариб 30 фоизро ташкил медиҳад ва дар баъзе давлатҳои Аврупо аз 80-90 фоиз гузаштааст. Дар Ўзбекистон низ дар ин бобат фаъолона кор бурда мешавад. Аз ҷумла, неругоҳҳои электрикии офтобӣ дар вилоятҳои Навоӣ ва Самарқанд ба кор андохта шуд. Имсол 18-то ҳамин гуна неругоҳҳо барпо мешавад. Тавассути ин неруи барқие, ки ба хоҷагиҳо дода мешаванд, 50 фоиз зиёд мегардад.

Чанде пеш Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи чораҳои густариши неруи барқии азнавбарқароршаванда ҷаласа баргузор кард. Зикр гардид, ки дар иншоотҳои бахши иҷтимоӣ ва идораҳои давлатӣ панелҳои офтобии дорои қувваи 220 МВт, 1300 МВт аз ҷониби соҳибкорон ва 19 панели офтобӣ дар боми биноҳои бисёрошёнаи навбунёд насб карда мешавад. Дар ин самт вилоятҳои Андиҷон, Қашқадарё, Сурхондарё, Фарғона, Навоӣ ва Самарқанд ба кор шурӯъ карданд. Сарвари давлатамон оид ба ташкили дурусти кор дар маҳалҳо дастуру супоришҳо дод.

Дар маҷлис чораҳое, ки дар соҳаҳои дигари энергетика андешида мешавад, аз ҷумла таъмини устувори аҳолӣ бо гази табиӣ, ба ангишт гузаронидани иқтидорҳои истеҳсолӣ бо сарфи зиёди газ, вусъат додани ҷустуҷӯи геологӣ, рушди захираи ашёи карбогидриди мавҷуд ва инчунин масъалаҳои азхудкунии конҳо баррасӣ шуд.

Хулоса, иҷрои вазифаҳои дар соҳа муайяншуда ба қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ба ресурсҳои энергетикӣ ва боз ҳам зиёд кардани иқтидори истеҳсолии корхонаҳо хидмат мекунад.

**Носирҷон АМИНОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

*Қарори Президент – дар амал*

# ҲАШАРИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР КӮҲСОР

Дар асоси қарори Президент «Дар бораи омодагӣ ва гузаронидани ҷашни умумихалқии Наврӯз дар соли 2023» ҷамоаи аҳли Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд барои бунёди «Боғи дӯстӣ» дар кӯҳсори Оҳалик ширкат варзиданд. Дар тӯли ду рӯз беш аз 300 бех ниҳолҳои бодом, писта, чормағз, зардолу, гелос ва ғайра шинонда шуд.

— Мо аз чунин ташаббусҳо сипосгузор ҳастем, – иброз дошт роҳбари гурӯҳи ташаббускори Эҳёи Самарқанд Анастасия Павленко,— дар арафаи иди бошукӯҳи наврӯзӣ корҳои ободонӣ ва кабудизоркунӣ кори хайру савоб аст.

**Баҳодури ЗОҲИР.**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ҶАМОАИ ИТТИҲОДИЯИ ТИББИЁТИ ШАҲРИ САМАРҚАНД

тамоми занону модарони мушфиқ ва бонувони меҳрубони Ӯзбекистонро бо ҷашни

# 8 Март –

## РӮЗИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН

муборакбод намуда, ба ҳар кадоми онҳо тансиҳатӣ, хушбахтиву саодатмандӣ ва рӯзгори хушу осуда орзу менамояд!



Акси садо

# ВОРИСИ АРЗАНДА БОШЕМ!

***Рӯзномаи «Овози тоҷик» қариб як аср боз ба мардуми тоҷику тоҷикзабони Ӯзбекистон ва барои рушди маънавияти ин миллат хидмат мекунад. «Овози тоҷик» – таърих аст, парчами миллии соҳибзабонон, ифтихору маънавияти мост.***

Сиёсати кунунии Ӯзбекистон нисбати эҳёи ҳуввиятҳои миллии сокинони кишвар хайрхоҳона буда, кӯшишу ғайрат барои рушди забону фарҳанг аз худи мо – тоҷикон вобаста аст. Мақолаҳои Ӯзбакбой Раҳмон «Овози тоҷик»-чӣ? («Овози тоҷик», №7, 25 январи соли 2023) ва Сулаймон Содиқ «Тоҷдоронро чӣ шуд? («Овози тоҷик», №12,11 феврали соли 2023)-ро хондам. Ҳақ ба ҷониби муаллифон аст. Пайдост, ки онҳо аз лоқайдиву пастҳимматии соҳибзабонон виҷдонан азият мекашанд. Ман аз солҳои 70-уми асри гузашта то имрӯз ҳамасола ба ин рӯзнома обуна мешавам. Ҳамчун омӯзгори тоҷик ҳаёти худро бе ин рӯзнома тасаввур карда наметавонам. Он ғуруру нангу номуси мост. Ҳайф бар он омӯзгорони тоҷик, ки обуна намешаванду рӯзномаро намехонанд. Донишманде гуфтааст: «Марги миллат аз марги забон сар мешавад. Марги забон бошад, аз бепарвоиву бемасъулиятии соҳибзабонон маншаъ мегирад».

Агар гуфтаниҳои худро дар бораи обуна ба рӯзнома нависам, як шумораи «Овози тоҷик» камӣ мекунад. Вале ин дардҳои маро, дареғо, ки боз фақат ҳамон шахсони ба рӯзнома обунашуда мехонанд. Ҳоло ҳар кас имкон дорад, обуна шавад, ба шарте ки хоҳиш бошад. Аз минбари муқаддаси «Овози тоҷик« истифода бурда, гуфтаниам:

Набояд фаромӯш кард, ки мо кӣ ҳастем? Пас, биёед, ворисони арзандаи гузаштагон бошем. Ба «Овози тоҷик» – ягона рӯзномаи ҷумҳуриявии тоҷикон обуна шавем. Боқӣ, Худо ҳофиз.

**Бобои Ҳоҷӣ ҲОҶИЕВ,**
**омӯзгори санъати тасвирии мактаби рақами 43-юми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.**

# ҶӮЯНДА – ЁБАНДА

***Шахси ба илму дониш ташна мунтазам меомӯзад, дониши андӯхтаашро дар ҳаёт татбиқ намуда, аз паси он даромади кофӣ ва зиндагии фаровон баҳри худу наздиконаш, халқу ҷамъият ба даст меоварад.***

Нодирбек Эгамбердиев дар натиҷаи забономӯзӣ ва такмили дониши худ соҳиби 97 ҳазор доллар грант гардид.

Ин ҷавони ташнаи илм дар маҳаллаи «Ғурҷак-2»-и ноҳияи Шеробод истиқомат мекунад. То синфи 10 дар мактаби таҳсили ҳамагонии рақами 60-ум таълиму тарбия гирифт. Ӯ забони корейсиро сараввал аз омӯзгоре, ки дар ҳамин маҳалла зиндагӣ мекунад, мустақилона омӯхт. Дар айни замон дар мактаби рақами 35-и ноҳияи Тирмиз таҳсил гирифта, ҳамзамон забономӯзии худро сайқал медиҳад. Барои пурра аз худ кардани забони корейсӣ ва ба дараҷаҳои баланди дониш ноил шудан ӯ 6 сол инҷониб пайваста меомӯзад. Дар натиҷаи чунин ҷӯяндагиву пӯяндагӣ ҳоло соҳиби гранти Донишгоҳи Сежонги Кореяи Ҷанубӣ гардид.

Дар баробари ин, Нодирбек ба як чанд донишгоҳҳои Латвия, Кореяи Ҷанубӣ дар асоси грант ба хондан қабул гардидааст.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# БА МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ IT ТАЛАБҲОИ НАВ ГУЗОШТА МЕШАВАНД

***Имрӯз ҳеҷ як ҷанбаи ҳаёти моро бе технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ тасаввур кардан мумкин нест. Пешравӣ, рушд, навоварӣ ва самаранокӣ бо хидмати IT робитаи ногусастанӣ доранд.***

Дар ҷаласаи видеоселекторӣ, ки вобаста ба масъалаҳои суръат бахшидан ба раванди рақамикунонӣ дар соҳаҳо ва минтақаҳо таҳти раёсати Президент 22 феврал баргузор шуд, ҳамчунин зикр гардид, ки дар оянда содироти хадамоти IT ба 1 миллиард доллар расонида мешавад, ки барои он на камтар аз 100 000 нафар барномасоз, меъмор, оператор ва муҳандисони соҳибихтисоси IT лозиманд.

Пас, барои тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос, ки дар пешрафти ин соҳа саҳми арзанда гузоранд, чӣ бояд кард? Дар ин бора **муовини вазири технологияҳои рақамӣ Рустам КАРИМҶОНОВ** маълумоти муфассал дод.

– Президентамон дар ҷаласаи видеоселекторӣ оид ба рушди рақамигардонӣ дар Ӯзбекистон бобати дигаргуниҳои бузург ва фароҳам овардани имкониятҳои нав дар соҳа як қатор пешниҳодҳо дод, – мегӯяд Рустам Каримҷонов. — Масъалаи барои он ки ҷавонону донишҷӯёни мо соҳаро мукаммал азхуд намуда, ба комёбиҳо ноил гарданд, ба чӣ бояд диққат дод, вазифаи таъхирнопазири мо ба ҳисоб меравад. Дар айни ҳол дар 4 муассисаи таълими олии асосии ба IT ихтисосонидашуда тақрибан 30 000 донишҷӯ таҳсил мекунанд.

Ба ғайр аз ин, дар 44 муассисаи дигари таълими олӣ самти IT кушода шуда, дар кишварамон ҷамъ қариб 50 ҳазор талаба дар ин соҳа таҳсил мегирад.

Дар соли 2023 – «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат» мо нақша дорем, ки нисбат ба хатмкунандагони ин соҳа талаботи нави касбӣ гузошта шавад. Аз курси 3-4-ум бояд корҳои амалӣ роҳандозӣ карда шавад, ҷавонон пас аз хатми донишгоҳ ҳади ақалл забони англисиро донанд, шаҳодатномаи дахлдор дошта бошанд ва тавони офаридан сомонаҳо дошта бошанд. Чунин талабот барои баланд бардоштани сифати таҳсил дар мактабҳои олӣ такони калон хоҳад шуд.

Баъдӣ, самти таълими хусусии IT аст. Дар мамлакати мо шумораи марказҳои таълимии соҳа рӯз то рӯз зиёд мешавад. Айни замон зиёда аз 200 марказҳои таълимӣ ба IT тахассус доранд. Дар ҷаласаи видеоселекторӣ сарвари давлат дастур дод, ки механизми нави дастгирии омодасозии кадрҳои босифат аз ҷониби марказҳои таълимӣ ҷорӣ карда шавад.

Агар марказҳои таълимӣ ё муассисаҳои таълимӣ кадрҳои баландсифат тайёр кунанд ва ин кадрҳо ба ширкати байналмилалии IT дохил шуда, 6 моҳ кор кунанд, ба марказҳои таълим то 25 миллион сӯм ҷубронпулӣ, барои ҳар як мутахассиси имконияташ маҳдуди ба кор қабулшуда – то 35 миллион сӯм ҷудо карда мешавад.

Агар чунин корҳо роҳандозӣ шаванд, сатҳи таълими технологияҳои иттилоотӣ дар марказҳои таълимӣ бамаротиб боло хоҳад рафт.

Суҳбатнигор
**Нигора РАҲМОНОВА,**
**мухбири ЎзА.**

***Дар сартосари мамлакат ба масъалаи баланд бардоштани маънавияти ҷавонон ва пурмазмун гузаронидани вақти холии онҳо эътибори алоҳида дода мешавад. Чорабиние, ки бо мақсади муайян намудани ҷавонҳои бекор ва дастгирӣ намудани онҳо, фароҳам овардани шароит ба зоҳир кардани маҳорату истеъдод, ғанӣ гардондани олами маънавӣ ва баланд бардоштани савияи маданиии онҳо дар Маркази ҷавонони шаҳри Гулистон баргузор шуд, аз ин ҷумла мебошад.***

# ҲОКИМИ ВИЛОЯТ ПЕШНИҲОД ВА АНДЕШАҲОИ ҶАВОНОНРО ШУНИД

Дар чорабинӣ ҳокими вилояти Сирдарё Акмалҷон Маҳмудалиев, роҳбарони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, намояндагони соҳаи таълими халқ, аҳли ҷамоа, ҷавонони эҷодкори Донишгоҳи давлатии Гулистон ва намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ ширкат варзиданд.

Ҳокими вилоят таъкид намуд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ барои тарбия, донишомӯзӣ ва ояндаи ҷавонон, дар ҷамъият ҷойи муносиби худро пайдо кардани онҳо ҳамаи шароит фароҳам оварда мешавад, ки онҳо бояд муносиби чунин эътибор бошанд.

Дар чорабинӣ ҷавонон фикр, пешниҳод ва андешаҳояшонро дар хусуси баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоиву сиёсӣ ва салоҳияти зеҳнии ҳамсолонашон ва ғояю ташаббусҳое, ки ба ривоҷёбии ҷамъият хидмат мекунад, изҳор доштанд.

Дар тадбири мазкур ба ҷавонон муваффақияти донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Гулистон Азаматҷон Файзуллоев ҳамчун ибрат таъкид гардид. Ӯ дар озмуни ҷумҳурии «Ёш китобхон»-е, ки дар пойтахт байни ҷавонони 20-30-сола барпо гардид, иштирок карда, ҷойи сеюмро гирифт ва соҳиби туҳфаи Президент шуд, яъне бо маблағи 30 миллион сӯм сарфароз гардид.

Дар ҷамъомад ҳокими вилоят ба ҷавононе, ки дар озмун фаъол иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои фахрӣ гардидаанд, тӯҳфаҳои махсус супурд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

# ХУШБАХТИРО АЗ МЕҲНАТ ЁФТААСТ



Имрӯзҳо дар ноҳияамон як идда занон маҳз ба шарофати меҳнаташон дар байни мардум обрӯву эътибор пайдо кардаанд, ба гирифтани мукофотҳои давлатӣ сазовор гардидаанд. Онҳо дар соҳаҳои гуногун кор мекунанд ва бо меҳнати ҳалол зиндагии худро пеш мебаранд.

Муҳайё Сатторова дар арафаи Иди бонувон бо амри Президент сазовори ордени «Дӯстлик» гардид. Ифтихор дорад, ки дар кишвари соҳибистиқлол ба мо – занону духтарон таваҷҷуҳ ва ғамхории ҳаматарафа зоҳир мешавад, мавқеъ ва нуфузи онҳо дар ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ беш аз пеш меафзояд.

Хабари хуши бо мукофоти давлатӣ сазовор шудани ӯ мардуми Риштонро шоду мамнун намуд. Дарҳақиқат, меҳнати пурсамари чандинсолаи Муҳайё Сатторова қадрдонӣ шуд ва ҳоло соҳибкорӣ ба муҳимтарин ҷодаи ҳаёти ӯ табдил ёфтааст.

– Ватани биҳиштии мо барои ҳар гуна мутахассис тамоми шароитро фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, ман низ дар оғози фаъолияти соҳибкориам ба мушкилиҳо дучор шудам ва рафта-рафта аз паси меҳнатам ба натиҷаҳои назаррас ноил шудам. Ҳоло яке аз занони хушбахти даврон ҳастам, ки ба чунин дараҷаи баланд расидаам, – бо ифтихор мегӯяд Сатторова.

Вай меафзояд, ки минбаъд низ тамоми ҳастӣ ва неруи худро барои рушди соҳибкорӣ сарф хоҳад кард. Ба гуфтаи ӯ ҳар шахсе, ки вақтро дуруст ва пурмаҳсул истифода мебарад, барои амалӣ гардондани орзуҳои худ бо азми қавӣ машғул мешавад, ҳатман ба мақсади худ мерасад.

– Бе муҳобот гуфта метавонам, ки маҳз бо дастони худ ба чунин пешравиҳо ноил шудаам ва соҳиби молу давлат гардидаам. Дарвоқеъ, баъзан савол медиҳанд, ки ман кадом донишгоҳро хатм кардаам. Посух медиҳам, ки дар оғӯши меҳнат зодаву парварда шудаам ва ҳоло на камтар аз соҳибони маълумоти олӣ барои Ватани азизам бо садоқат хидмат мекунам, – иброз медорад қаҳрамони мо.

Занҳои соҳибкор дар ноҳияи Риштон хеле зиёданд ва дар миёни онҳо чандин нафар соҳиби корхонаҳои кулолгарӣ мебошанд.

Муҳайё мактаби таълимоти ҳамагонии рақами 12-умро хатм кардааст. Ҳарчанд яке аз аълохонҳои синфашон буд, имкон даст надод, ки таҳсилашро дар ягон мактаби олӣ давом диҳад. Бо вуҷуди ин, рӯҳафтода нашуд ва соли 2002 ба соҳибкорӣ рӯй овард. То соли 2021 ба сифати соҳибкори инфиродӣ фаъолият намуд ва корхонаи оилавии «Сатторова Муҳайёхон»-ро роҳбарӣ кард.

(Давомаш дар саҳ.4).

# ПАРАСТОРИ «СЕ ПАҲЛАВОН»



Дар Чусти бостонӣ, сарзамини ҳунармандон, ки дар он намояндагони миллатҳои гуногун умр ба сар мебаранд, занони аз ҳафт то ҳафтодсола бо яке аз навъҳои ҳунар – тоқидӯзӣ машғуланд. Муқими маҳаллаи Бибиона – Нурхон Бойбоева низ яке аз онҳост, ки бо ин касб шуҳрат пайдо карда, имрӯз бо ҳисси шукргузорӣ умр ба сар мебарад.

– Дигаргуниҳоеро, ки дар мамлакатамон ба амал меоянд, дида, дилатон лабрези шодӣ мегардад. Имкониятҳо беохиранд. Аз ин дуруст ва оқилона истифода бурдан лозим. Аз паси ҳунарам иззату эҳтиром пайдо кардам, – мегӯяд апаи Нурхон.

Дар кӯдакӣ борҳо тамошо мекардам, ки бибию модарам ва занҳои ҳамсоя ҷамъ шуда, тоқӣ медӯхтанд. Онҳо чун афсунгар бо нӯги ночизи сӯзан асари санъат меофариданд. Ба мо, духтарони хурдсоле, ки бозикунон мегаштем, як порча матоъ дода, дӯзандагиро ёд медоданд. Ёд дорам, ки ману модарам аввалин тоқии дӯхтаамро ба бозор бурда, ба даҳ сӯм фурӯхта будем. Ба ин пул нону намак харида, ба ҳамсояҳо тақсим кардем. Ба 2 сӯму 80 тини боқимонда китоб харида будам.

Падарам дар заводи пахтаи ноҳия муҳандис буд. Модарам аз ин ҳунар даромад ба даст меовард. Модарамро Раҷаббии чевар мегуфтанд. То охири умрашон аз шуғли худ даст накашиданд. «Аз зарурат не, асабҳоям ором мегирад, барои дилгир нашудан медӯзам», мегуфт модари раҳматиам. Ба наберагон низ ин ҳунарро бохавсала ёд медоданд. Аксар вақт такрор мегуфтанд, ки «кори дастӣ, ашёи сохташуда пурқимат аст, кас қадри меҳнатро ёд мегирад». Бегоҳӣ низ, бо тоқӣ тайёр кардан машғул мешуданд.

Дар байни шароити он замон ва имкониятҳои имрӯза тафовути калон мавҷуд. Имрӯз растаҳои замонавии бозорҳо пур аз маҳсулот ва дар чеҳраи ҳамватанон нишонаи сипосгузорӣ, ки аз ин дилатон шод мегардад. Барои онҳое, ки хоҳиши ҳунармандию соҳибкорӣ доранд, тамоми имкониятҳо фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, Сарвари давлат чанде пеш ба вилояти мо ташриф оварда, ба фаъолияти соҳибкорони намангонӣ баҳои алоҳида доданд.

Соли гузашта писарам Аббосҷонро, ки дар Донишгоҳи давлатии Қазон таҳсил мекунад, пазмон шуда, ба наздаш рафтам. Албатта, барои туҳфа корду тоқии Чуст гирифтам. Сафари мо дар он ҷо ба «Фестивали дӯстӣ» рост омад. Аз номи падару модарон ба сухан даъват карданд. Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва ҳатто англисӣ салом додам. Фикру мулоҳизаҳоямро баён намудам. Тоқиҳоро ба созмондиҳандагони чорабинӣ ҳадя кардам. Ҷавони сухангӯ, ки тотор буд, тоқиро ба сараш пӯшида, чорабиниро идома дод. Духтараки донишҷӯ, ки худро Замира аз Тоҷикистон шинос кард, ҳатто аз шодӣ ва ифтихор ба модараш занг зад...

Саъю кӯшиши қаҳрамони мо дар роҳи гиромидошти ҳунари момомерос ва омӯзиши он ба насли наврас низ шоёни таҳсин аст. Зиёда аз се сол мешавад, ки дар ин маҳалла корхонаи хурди «Тоқиҳои Чуст»-ро дар заминаи хоҷагидорӣ таъсис додааст. Ба ин корхона, ки 30 нафар занонро бо ҷойи кор таъмин кардааст, асосан ҷавонони маҳалла, ки ба ҳунар шавқу ҳавас доранд, ҷалб шудааст.

Кори дигари хайрноки апаи Нурхон таъсиси боғчаи хусусии «Се паҳлавон» мебошад. Дар ин ҷо 25 нафар кӯдакони маҳалла тарбия мегиранд. Ҳамроҳи шавҳараш Даминҷон ду духтару се писарро тарбия намуда, ба камол расонданд. Духтару арӯсҳо гарчи дар идораҳои давлатӣ кор мекунанд, дар вақти холӣ бо тоқидӯзӣ машғул мешаванд. Наберагон – Моҳинаю Лола низ дӯстдори ин ҳунаранд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
Вилояти *НАМАНГОН*.

*Бонувони сухангӯ*



# ЧИЛ СОЛИ ПУРИФТИХОР

Замоне буд, ки дар хонадони ҳама аз субҳи содиқ то бевақтии шаб садои радио ба гӯш мерасид. Шунидани барномаҳои гуногуни мусиқию адабӣ, сиёсию иҷтимоӣ барои мардум ранги одатро гирифта буд. Номҳои Маҳмудҷон Қосимов, Асадҷон Гулов, Олия Остонова, Лутфулло Турсунов, Мубинҷон Шукуров, Раҳимҷон Шукуров ва дигарон барои радиошунавандагони хурду калони солҳои 60-уму минбаъдаи вилоят хеле шинос аст. Ҳар бегоҳ ва нисфи рӯз овози форами ровӣ Олия Остонова аз радио баланд шуда, диққати садҳо ҳазор сомеъони худро беихтиёр сӯи худ мекашид: «Ин ҷо Бухоро, ассалому алайкум, радиошунавандагони мӯҳтарам, радиои вилоятӣ гуфторҳои худро ба забони тоҷикӣ оғоз менамояд».

Оё тасаввур мекунед, ба Олияапа лозим омадааст, ки чил соли расо барномаҳои тоҷикии радиоро қариб ҳар рӯз чунин сар карда, мардуми ҳаммиллатро бо навгониҳои диёр ва фаъолияти намунавии пешқадамони замон шиносонад.

Олия Остонова зодаи деҳаи Хонободи ноҳияи Бухорост. Вай дар хонадони Мустафо-қассоб ва Робияхолаи бофанда чун фарзанди дуюм ба дунё омада, байни хоҳарону додарон дар муҳити донишандӯзию меҳнатдӯстӣ ба воя расид. Ӯ баъди ба даст даровардани номаи камол имтиҳонҳоро бомуваффақият супорида, талабаи омӯзишгоҳи педагогии Бухоро гардид.

О.Остонова фанни адабиёт ва мутолиаи китоби бадеиро дӯст медошт. Шеърҳои шоирони классикӣ ва муосири тоҷикро пайваста аз ёд мекард. Азбаски китобдӯстии Олияро модараш хуб медонист, ҳангоми ҷомашӯии духтараш китоби дӯстдоштаи ӯро рӯ ба рӯяш кушода мемонд. Он солҳо вай ба газетаи «Пионери Тоҷикистон» мақолаҳо менавишт. Дар хотир дорад, яке аз мақолаҳои ӯ он гоҳ ба муқобили аз тарафи ИМА бомбаборон шудани Ветнам таълиф ёфта буд.

Модари Олия нохост бемор шуда, бистарӣ гардид. Ташвишҳои рӯзгор ба гардани ӯ монд. Дар натиҷа таҳсили вай дар омӯзишгоҳ қатъ ёфт. Дере нагузашта ӯ шунид, ки Кумитаи радиошунавонии вилоят барои дарёфти диктори барномаҳои тоҷикии радио конкурс эълон кардааст. Азбаски овози форам ва нутқи равони пурҷозиба дошту ин истеъдодаш ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна аз ҷониби ҷамоаи таълимгоҳ эътироф гардида буд, ӯро водор сохт, ки сӯи Кумитаи радиошунавонии вилоят раҳсипор гардад. Ӯро раиси ҳамонвақтаи кумита Муҳаммадҷон Бақоев ва сармуҳаррири барномаҳои радио, нависанда Неъмат Аминов қабул карданд. Баъди санҷиш – мутолиаи матне аз газетаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ҳозирон ба маҳорати О. Остонова баҳои баланд доданд ва водор карданд, ки худи ҳамон рӯз ба хондани матн дар назди микрофон бояд тайёр бошад...

Вай таҳти роҳбарии муҳаррири калони шуъбаи тоҷикӣ Асадҷон Гулов ба кор оғоз кард.

Олияапа ҳар рӯз ба кор меомаду аз касби дӯстдошта дилаш пурфараҳ мегардид, зеро овози форами вай тавассути радио дар ҳар як хонадони вилоят танин меандохт.

Олия Остонова соли 1973 бо ҷавонмарди асили бухороӣ Абдураҳмон Муҳиддинов ҳамхона шуд. Онҳо соҳиби ду духтар – Шаҳнозаю Заррина ва як писар – Акмал, инчунин ҳафт набера мебошанд.

Ӯ солҳои 1975-1980 дар факултети филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Бухоро ғоибона таҳсил гирифт. Сухангӯи тоифаи олӣ таи солҳо баробари А. Гулов, Н. Ҳидоятов, И. Орифов, Ш. Фаридов, М. Одинаева, Д.Тӯхсанова баҳри ҳадафрас ва ҳамқадами замон таҳия ва талқин ёфтани барномаю маводҳои тоҷикӣ саҳми арзанда гузошт. Ӯро барои кор ба пойтахт, ба шуъбаи тоҷикии радиои ҷумҳурӣ низ таклиф кардаанд. Вале шароити оилавӣ ва садоқат ба сарзамини аҷдодӣ ӯро нагузошт, ки аз оғӯши шаҳри шариф дур равад.

Остонова соли 2007 ба нафақа баромада бошад ҳам, боз ду соли дигар фаъолияти меҳнатиашро идома дод. Ниҳоят, баъди ба кор омадани пайравони муносиб ва ҷавонони баумед бо хотири ҷамъ дар оғӯши оила бо тарбияи фарзандону наберагон самараноктар машғул шуданро маъқул донист.

Ба қарибӣ дар шаҳри Бухоро ҳампешаю ҳамкори собиқи ӯ Олима Мирзоеваро дидам, ки китобе дар даст дошт. Дар он дирӯзу имрӯзи Ширкати телевизион ва радиои вилоят муфассал акс ёфта буд. Он ҷо сурати О. Остонова ва қариб ду саҳифа навиштаҷотро дар бораи ӯ дидам. Хостам, ки аз рӯзгори имрӯзаи вай огоҳ шавам. Бо ин мақсад бо мадади мусоҳибам манзили Олияапаро пайдо кардам. Ӯро чун пештара рӯҳбаланду самимӣ дидам.

Бонуи хонадон порчаҳои шеърии айёми ҷавонӣ омӯхтаашро қироат карда, табъи моро хуш намуд:

*Дили бемори ман ёди ту дорад,*
*Дару девори ман ёди ту дорад.*
*Агар бо чашми дил бинӣ, бихонӣ*
*Ҳама ашъори ман ёди ту дорад...*

Аён гардид, ки ҳам дар кору зиндагӣ, ҳам дар таҳсил комёб шуда, дар рӯзгор мақоми хешро пайдо карда истодани фарзандону наберагон боиси шукронаи аҳли хонадон гаштааст.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти БУХОРО.*

Иттиҳодияи нафақагирони Ӯзбекистон нисбати вафоти бемаҳали узви фаъоли иттиҳодия, муовини раиси Шӯрои марказии иттиҳодия
**Мӯсо ҒУЛОМОВ**
ба аъзои хонавода ва наздикони марҳум ҳамдардии чуқур баён менамояд.

Гурӯҳи дӯстон ба сармуҳаррири рӯзномаи «Жамият» Мақсуд Ҷонихонов нисбати вафоти хоҳари бузургаш
**Ҳабибахон ҶОНИХОНОВА**
ҳамдардӣ изҳор менамояд.

# Ҷаҳони зан

## Дар тараннуми модар

*Дӯст дорам модарам бо ёди ту қишлоқро,*
*Рӯдҳои нуқрагину нилгун офоқро.*
*Ҷилвагар дар боми мактаб лолагун байроқро,*
*Ҳамзамон деҳотиёни дар муҳаббат тоқро.*
*Шеър гӯям ояд аз шеърам садои модарам,*
*Деҳа гӯям бар сарам ояд ҳавои модарам...*

***ТУРСУНЗОДА.***

*Гар намебудӣ ту яктои дилам,*
*Кай чунин маҳбуби мардум мешудам.*
*Гар намебудӣ ту пайдои дилам,*
*Бе ту ман дар зиндагӣ гум мешудам.*
*Гар набошӣ хона дорад бӯйи ғам,*
*Гар ту бошӣ хона дорад бӯйи мушк.*
*Гар ту бошӣ хок гирам зар шавад,*
*Гар набошӣ зар бигирам хоки хушк...*

***ЛОИҚ.***

*Ало, ай модари ман, модари ман,*
*Парастору нигаҳбони сари ман.*
*Анисе ку пас аз ту марҳами дил?*
*Азизе ку, ки бошад дархури ман?*

***

*Ало, ай модари ман, модари ман,*
*Ало, файзу фари бому дари ман.*
*Мабодо, реҳлати ту низ бошад,*
*Хазонрези ҳама бору бари ман.*

***

*Ало, ай модари ман, модари ман,*
*Сароғози баёзу дафтари ман.*
*Мабодо, бе дуои обии ту,*
*Бихушкад сабзаи шеъри тари ман.*

***ПАЙМОН.***

***

*Шуд мушк доманафшон ҳар дам ба кӯйи модар,*
*Анвои гул надорад бӯйе чу бӯйи модар.*

*Ҳатто, ки подшоҳон бо сад бузургиву шон,*
*Афтону хокбӯсон оянд сӯйи модар.*

*Дар чорсӯи тира метофт меҳр хира,*
*Ҷӯшид нури сад меҳр аз чорсӯи модар.*

*Дар арзи кӯтаҳумрӣ аз меҳр қалъае сохт,*
*То бод зинда бодо бо меҳрҷӯӣ модар.*

*Армони умр гардид аз даст додани ӯ,*
*Дармони заъфи дил шуд дидори рӯйи модар.*

*Атфол дар канораш гӯё, ки дар биҳиштанд,*
*Омӯхтанд алифбо ҳурон зи бӯйи модар.*

*Ҳар шоири дилогаҳ шеъре бигуфт ҳар гаҳ,*
*Во монда дар сари мадҳ дид обрӯйи модар.*

*Гар мавҷи ҳафт дарё бо ҳам занад саропо,*
*Як дил наҷунбад аммо бе орзӯи модар.*

***Воҷиди АШТӢ***

# ЗАНИ СОЛЕҲА – РӮШНОИИ ХОНА



Ба гуфтаи роҳбари давлат занону духтаронро ба вазифаву корҳои давлатӣ беш аз пеш бояд ҷалб намуд.

Пеш аз он ки оиди фаъолияти ибратпазири бонуи чашмикордон Саломат Ҳайдарова ҳарф занем, беихтиёр хидматҳои шоистаи модари меҳрубонаш апаи Аноргул пеши назар меояд.

Модар шахсест меҳрубон, муътабар, ғамхор ва ғамгусор. Дар рӯйи олам ҳеч эҳсосе бартару волотар аз меҳри Модар вуҷуд надорад.

Яке аз модарони меҳрубону ғамхор ва меҳмондӯсту ширингуфтори деҳаи хушманзараи Сойихурд Аноргул мебошад.

Аноргулро дар тӯю маъракаҳои ҳамдеҳагон зудзуд мебинам. Гарчанд синнаш аз 70 гузаштааст, қоматаш рост, ҳаракатҳояш чолокона, ҳусну малоҳати ҷавониашро то дараҷае нигоҳ доштааст.

Боре аз ӯ пурсидам: «Асрори ҷавониро нигоҳ доштан дар чист?»

Ӯ ҷавоб дод: «Ҳамнафаси замон бояд зист. Аз ғайбат, дурӯғ, тӯҳмат, дилозорӣ барин хислатҳои бади инсонӣ парҳезкор бояд шуд. Ҳамфикру ҳамдил будан бо шавҳар, аз як гиребон сар бароварда, зиндагиро ба роҳ мондан шахсро аз мушкилиҳо дур месозад».

Оре, апаи Аноргул бо акаи Муҳиддин ҳамфикру ҳамдил шуда, аробаи зиндагиро босабру матонат ба пеш мебаранд. Муҳиддин Ҳайдаров аз нисф зиёди умри худро ба соҳаи геология бахшид.

– Занҳои рустоӣ баробари мардони худ меҳнат мекунанд. Чорвопарварӣ, боғдорӣ, нонпазӣ, дарзу дӯз, тарбияи фарзандон ва дигар гиру мони зиндагӣ ҳолати одатии онҳо мебошад. Ба тарбияву таълими бачаҳо эътибори ҷиддӣ додем. Агар фарзанди калонӣ боодоб, аълохон ва хушрафтор ба воя расад, кӯдакони сонӣ низ аз пайи ӯ мераванд.

Ин буд, ки бузургдухтари онҳо Саломат аз хурдӣ хушёру зирак буд, мактаби миёнаи рақами 43-юми Эҷро аъло хатм намуд. Баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон супорид ва бахташ омад карду донишҷӯ гардид.

Соли 1990 донишгоҳро сарбаландона хатм намуд ва фаъолияти кориашро чун мутахассиси бонк дар «Агропромбонк», дертар дар «Халқбонк»-и шаҳри Навоӣ оғоз намуд. Дониши хуб ва чашмикордонии духтарак ба зудӣ миёни ҷамоа аён гардид. Ӯро ба шуъбаи феҳристи давлатии корхонаҳои инҳисории Садорати рушди монополия ва рақобати вилояти Навоӣ роҳбар таъин намуданд.

То ҳол мутахассиси пешбари шуъбаи молияи федератсияи Иттиҳоди касаба дар вилояти Навоӣ мебошад.

– Чи тавре ки роҳбари давлат дар мурожиатҳои худ таъкид менамояд, бо дарди халқ, бо мушкилоти мардум аз наздик бояд ошно шуд. Яке аз вазифаҳои асосии ташкилоти мо таъмини рушди сайёҳӣ, соҳибкорӣ, гиромидошти инсон, ба куҳансолон, собиқадорони меҳнат, занони серфарзанд, маълулон додани роҳҳат ба истироҳатгоҳу табобатгоҳҳо, зиёрати обидаҳои таърихӣ ва ғайра мебошад. Оилаҳои камтаъмин ва барои табобат эҳтиёҷмандро якҷоя бо масъулони маҳалла хона ба хона гашта, муайян мекунем. Ба занону духтароне, ки шомили «Дафтари занон», «Дафтари ҷавонон», «Дафтари оҳанин» ҳастанд, кумак мерасонем. Аз ҷумла, ба қарибӣ сокини яке аз деҳаҳои кӯҳпояи Нурато, ки шомили «Дафтари оҳанин» аст, барои ҷарроҳии фарзандаш 5 миллион сӯм маблағ пурсид. Ҳамин миқдор пулро аз ҳисоби иттифоқи касаба ҷудо кардем. Дар чаҳорчӯбаи барномаи давлатии «Саросари Ӯзбекистон саёҳат намо» занони куҳансол, серфарзанд, собиқадорони меҳнатро дар асоси рӯйихат ба зиёрати шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хева, Урганҷ фиристодем, – мегӯяд Саломат Ҳайдарова.

Апаи Аноргул дуруст мегӯяд, хоҳару додарони Саломат чун хоҳарбузургашон боақлу хушёр ва меҳнатдӯст ба воя расиданд. Амриддин Ҳайдаров ходими шуъбаи корҳои дохилии вилоят, Фазлиддин соҳибкор, хоҳарон Дилафрӯзу Гулимоҳ кадбонуи меҳрубони оилаҳояшон мебошанд.

Саломат бо ҳамдеҳааш Одил Қӯзиев ду фарзанд – Фозил ва Азизаро ба воя расонданд, хононданд, соҳиби касбу кори намунавӣ намуданд.

Бонуи боирода дар арафаи фарорасии баҳор, иди модарону бонувон орзуву ниятҳои худро барои модари азизаш ирсол намуд:

– Модар гуноҳҳои donиставу надониста содиркардаи фарзандашро мебахшад, намехоҳад ба пойи ҷигарбандаш хоре халад. Модарҷони меҳрубону мушфиқ ва дарёдиламро бо иди баҳор, бо иди модарон табрик мегӯям. Модарҷонам офтоби сари моянд. Шоир фармудааст:

*Дурахшон бод дар*
*гардуни ҷонам ахтарат,*
*модар,*
*Набинам кош андар*
*зиндагӣ дарди сарат*
*модар.*
*Дилат бар ларза меояд*
*чу оям дер як соат,*
*Бимирам ман ба*
*чашмони ҳамеша бар*
*дарат, модар.*
*Фақат дасти дуои ту*
*бароям муттако бошад,*
*Наларзад дар ғами ман*
*ҳеҷ гоҳе пайкарат,*
*модар...*

Оре, бузургон маҳз ба хотири чунин занони бохирад фармудаанд: «Зани солеҳа ба кадом хонае, ки бошад, рӯшноӣ ба рӯшноӣ меафзояд».

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ХУШБАХТИРО АЗ МЕҲНАТ ЁФТААСТ

**(Аввалаш дар саҳ.3).**

– Дар айни ҳол сарварии ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «ММ Porcelain»-и ноҳияи Риштонро ба ӯҳда дорам. Корхона ба Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон ба маблағи 791 ҳазор доллари амрикоӣ маснуоти чинӣ содир кард. Гузашта аз ин, борҳо дар намоишгоҳҳои бонуфузи байналмилалӣ бо маҳсулоти худ иштирок кардам, – мегӯяд ӯ.

Маълум шуд, ки дар корхона 300 ҷойи кори доимӣ таъсис дода шудааст. Дар ноҳия бештар аз 150 нафар ҳунармандон ба истеҳсоли маснуоти ороишии чинӣ машғул мебошанд, ки таҳти тасарруфи ин ҷамъият қарор доранд.

Сатторова худро насли сеюми аҳли ҳунарманди риштонӣ мешуморад. Вай на танҳо зани фаъол, фидокор, меҳнатдӯст аст, балки бонуи хушбахти оилаи намунавӣ низ мебошад.

**Аброр ДЕҲҚОНОВ,**
*ноҳияи Риштони вилояти Фарғона.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 4618 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.